# 26789 - Ҳукми гузоштани пул дар бонкҳои рибавӣ

**савол**

Ҳукми гузоштани пул дар бонкҳои рибавӣ чист?

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Гузоштани пул дар бонкҳо бо фоидаи моҳона ё солона рибо аст, ки бо иҷмои донишмандон ҳаром шудааст. Аммо дар мавриди гузоштани пул (дар бонкҳо) бидуни фоида, агар бонк муомилаҳои рибавӣ дошта бошад, ин корро накардан беҳтар аст, магар дар ҳолатҳои зарурӣ, зеро гузоштани пул дар он, агарчи бефоида ҳам бошад, ин кӯмак намудани бонк дар амалҳои рибавиаш мебошад. Бими он аст, ки анҷомдиҳандаи ин кор аз ҷумлаи кӯмаккунандагон дар гуноҳу таҷовуз ҳисобида шавад, гарчанде ки ӯ ин корро нахоҳад ҳам.

Аз ин рӯ, мо бояд аз чизҳое, ки Аллоҳ ҳаром кардааст, барҳазар бошем ва барои нигоҳ доштан ва сарф кардани пулҳо роҳҳои дурустро ҷустуҷӯ кунем.

Аллоҳ таъоло мусулмононро ба анҷом додани корҳое, ки мӯҷиби хушбахтӣ, арҷмандӣ ва растагории онҳост, муваффақ намояд ва онҳоро дар зудтарин фурсат барои пайдо кардани бонкҳои исломӣ, ки аз муомилаҳои рибавӣ холӣ аст, муяссар намояд. Ӯ валӣ ва қодиру тавоно бар он аст. Дуруду паёми Аллоҳ ба паёмбарамон Муҳаммад ва ба олу асҳоби ӯ бод.